


# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№41 (4937)

СЕШАНБЕ,
1 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


# НАВРӮЗ ҲАЗОРСОЛАҲО БАРОИ ТАҲКИМИ ИНСОНДӮСТӢ, ҲАМБАСТАГӢ ВА РИЗОИЯТ ХИЗМАТ НАМУДААСТ



**Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барномаи фарҳангӣ ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз**

**31-уми марти соли 2025, шаҳри Хуҷанд**

**Олиҷанобон,**

**Муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Жапаров Садир Нургожоевич,**

**Муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Мирзиёев Шавкат Миромонович!**

**Меҳмонони олиқадр, ҳозирини гиромӣ!**

Бо камоли хушҳолӣ шуморо дар сарзамини Тоҷикистон дар ин рӯзҳои ҷашнӣ хайрамақдам мегӯям. Ҳамчунин, Шумо ва мардумони ба мо бародару ҳамҷавори Қирғизистону Ӯзбекистон, намояндагони дигар кишварҳои ба мо дӯсту шариконии байналмилалиро, ки имрӯз ба шаҳри бостонии Хуҷанд ташриф овардаанд, ба ифтихори Рӯзи байналмилалии Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Бо истифода аз ин фурсат, ба тамоми сокинони кишвари азизам беҳтарин орзуҳои худро ба муносибати ин ҷашни хуҷастапай бори дигар иброз менамоям.

**Наврӯз ба якояки Шумо муборак бод!**

***

Басо рамзист, ки вохӯрии мо дар айёми ҷашни Наврӯзи пуршукӯҳ - намоди бедоршавии табиат, марҳилаи нави гардиши зиндагӣ ва боварӣ ба ояндаи беҳтар сурат мегирад.

Ғояву анъанаҳои тағйирнопазири Наврӯз ҳамчун ҷузъи таркибии таъриху фарҳанги мо аз қаъри қарнҳо моро ба таҳкими сулҳу субот, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ водор месозанд. Боиси фараҳмандист, ки мардумони мо ҳамеша барои ҳифзу ғанӣ гардонидани анъанаҳои неки он - бародарӣ, ризоият, ҳамдилӣ саъю талош карда, онҳоро то ба рӯзҳои мо расонидаанд.

Ин ҷашн дар тӯли асрҳои зиёд барои таҳкими ғояҳои олии башардӯстӣ, фазои эҳтироми муштарак ва созгорӣ хизмат менамояд. Кишварҳо ва мардумони моро риштаҳои мустаҳками дӯстии танготанг, накуҳамсоягӣ ва рушди муштарак ба ҳам мепайванданд.

Комилан возеҳ аст, ки имрӯз ҳам талошҳои муштараки мо ба он равона шудаанд, ки ин таҷрибаи созандаи таърихиро пурра ба нафъи наслҳои имрӯзаву оянда истифода барем. Рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории зичи мардумону давлатҳои мо дар ҳамаи соҳаҳои манфиатҳои муштарак яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Маҳз, барои ҳамин ҳам натиҷаҳои вохӯриҳои имрӯзаро мо ҳамчун пайки таҷдид ва оғози марҳилаи сифатан нав дар муносибатҳои се кишвар медонем.

Имрӯз мо санади таърихӣ - Аҳднома оид ба нуқтаи пайвастшавии марзҳои давлатии се кишварро ба имзо расонидем. Ҳамин тавр, мо бори дигар қатъиян эълон намудем, ки аз арзишҳои сулҳ ва усулҳои ҳалли ҳамаи масъалаҳои мавҷуда аз роҳи муколама, дар руҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, самимият, эҳтиром ва эътимоди ҳамдигар пуштибонӣ мекунем. Бовар дорам, ки аз имрӯз эътиборан марзҳои се кишвар ба марзҳои дӯстии абадӣ, ҳамсоягии воқеан нек ва шарикии созанда табдил хоҳанд ёфт.

Он ҳам боиси итминон аст, ки мувофиқаҳои имрӯз ҳосилшуда, бешубҳа, омили муҳими рушду таъмиқи минбаъдаи муносиботи байнидавлатӣ ва ҳамкориҳои мо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву башарӣ ва дигар арсаҳои манфиатҳои муштарак хоҳанд шуд. Ин ниёзмандиҳои табиии мардумони се кишвар аст ва мо вазифадорем, ки минбаъд низ дар ин самт саъю талоши муштарак ба харҷ диҳем.

Рушди пайвастаи муносибатҳои кишварҳоямон ба манфиатҳои аслии мардумони мо ҷавобгӯ буда, ба таҳкими сулҳу субот ва шукуфоии тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард. Бовар дорам, ки мо дар якҷоягӣ, бо дастгирии доимии мардумонамон, дар ин ҷода ба дастовардҳои бузург ноил хоҳем гашт.

Бори дигар Шуморо, муҳтарам Садир Нургожоевич ва Шавкат Миромонович, инчунин, ҳамаи меҳмонони азизамонро дар Тоҷикистон самимона хайрамақдам мегӯям.

Ба ҳамаи шумо саломатии бардавом, хушбахтиву беҳрӯзӣ ва ба кишварҳоямон сулҳу амонӣ, рушд ва пешрафти минбаъда орзу менамоям.

**Дӯстӣ ва бародарии мардумонамон ҷовидону бегазанд бод!**

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# ШУКӮҲИ ХОСАИ НАВРӮЗ БО ИҚДОМҲОИ ТАЪРИХИИ СЕ САРВАР

**29-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз, вохӯрии сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум, рафти корҳои ободонию созандагӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти муҳим ва мулоқоту суҳбат бо сокинон ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Суғд, дигар шахсони расмӣ ва гурӯҳи ҷавонон бо самимияти беандоза ва руҳияи болида истиқбол гирифтанд.

**29-уми марти соли равон сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Суғд аз деҳоти Овчиқалъачаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз гардид.**

Дар деҳоти Овчиқалъача Сарвари давлат ба хотири сарсабзӣ ва фаровонҳосилӣ дар боғи интенсивии филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ниҳоли дарахтони мевадиҳанда шинонида, мардуми ноҳия ва олимону кормандони соҳаи кишоварзиро ба вусъат бахшидани амалҳои сабзу хуррамгардонӣ ҳидоят намуданд.

Боғи интенсивӣ, дар маҷмуъ, 20 гектарро ташкил дода, асосан дар ҷойи боғоти куҳнаи зардолу, ки бо гузашти бештар аз 30 сол аз самар бозмонда буд, бунёд карда шуд. Аз ин нишондиҳанда 10 гектарро боғи себу гелос, 10 гектари дигарро боғи шафтолу ташкил медиҳад. Дар боғи навбунёд бо мақсади таъмини сабзиши ниҳолҳо обмонии қатрагӣ ба роҳ монда шудааст.

Зимни суҳбат бо олимону хоҷагидорон ва дигар кормандони соҳаи кишоварзӣ таъкид гардид, ки ҳангоми бунёди боғот ба дурустии интихоби мавзеъ барои парвариши ниҳол ва зиёд намудани масоҳати боғҳои ҳосилаш ба содирот нигаронидашуда таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Тибқи маълумот, филиал дорои 564 гектар замини кишоварзӣ буда, наздики 400 гектар боғ ва зиёда аз 80 гектар токзор маҳсули кори чандинсолаи олимони ин муассисаи илмӣ мебошад.

Олимону кормандони филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд соли 2014 низ дар масоҳати 4 гектар боғи интенсивӣ бунёд карда буданд. Боқимонда боғу токзори анъанавӣ буда, ҷиҳати дар истеҳсолот татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам натиҷаҳо назаррасанд.

Бино ба таъкиди олимон, боғҳои интенсивӣ назар ба боғҳои анъанавӣ аз лиҳози иқтисодӣ бештар манфиатовар буда, дар мамлакат солҳост, ки таҷриба шудааст ва дар зарфи се-чор сол ба ҳосил медароянд.

Замини байни қатори боғот низ самараноку оқилона истифода мегардад. Яъне, то давраи калон шудани ниҳоли дарахтон дар байни қатори он зироати гуногуни кишоварзӣ кишту парвариш карда мешавад.

Дар соли аввал олимони филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар байни қаторҳои боғи нави интенсивӣ дар масоҳати 6 гектар пиёз, 4 гектар сабзӣ ва зери плёнка 2 гектар тарбуз кишт намуданд. Ҳамзамон, дар масоҳати хурд барои таҷриба пиёзи анзур парвариш карда мешавад. Барои гирифтани тухмии сабзӣ ва помидори серҳосил низ дар қитъаҳои алоҳида ин ду навъи зироат кишт карда шудааст. Аз давраи кишт то ҷамъоварии ҳосил хусусиятҳои зироат пурра омӯхта мешавад.

Олимони филиал дар самтҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла боғдорию токпарварӣ, сабзавоткорӣ ва парвариши картошка, фаъолияти илмию таҳқиқотиро тақвият мебахшанд.

Иттилоъ дода шуд, ки то ин муддат филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд барои офаридани 8 навъи зардолу, як навъи сабзӣ ва як навъи ангур соҳиби 12 шаҳодатномаи муаллифӣ шудааст. Ҳамзамон, ду навъи зардолу, 3 навъи ангур, ду навъи пиёзи анзур ва як навъи пиёз, ки аз ҷониби олимони филиал офарида шудааст, мавриди озмоиш қарор дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо зарфиятҳои аграрии ин мавзеъ, ташаббуси масъулони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистонро оид ба барқарорсозии боғҳои куҳна муҳиму саривақтӣ маънидод карданд.

Мавриди зикр аст, ки ҳамасола дар вилояти Суғд дар доираи татбиқи барномаҳои давлатӣ боғу токзори нав бунёд ва бо иҷрои саривақтии тадбирҳои агротехникӣ ҳаҷми истеҳсоли мева зиёд карда мешавад. Масоҳати умумии боғҳо дар ҳама бахшҳои хоҷагидории вилоят зиёда аз 70 ҳазор гектарро ташкил медиҳад ва аз ин нишондиҳанда наздики 60 ҳазор гектараш ҳосилдиҳанда мебошад.



Таваҷҷуҳи хоҷагидорони вилоят барои бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ зиёд аст. Ин аст, ки аз масоҳати умумии боғҳои бунёдшуда қариб 1000 гектарро боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ ташкил медиҳад.

**29-уми марти соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Боғистони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров муассисаи таҳсилоти томактабии «Баҳор»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои кӯдакистони «Баҳор» барои таълиму тарбияи 200 нафар пешбинӣ гардида, аз ҷониби Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо харҷи 4,7 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд. Ин тадбири муҳим дар заминаи дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ амалӣ гардид.

Муассисаи таҳсилоти томактабии «Баҳор» дар маҳаллаи Боғистони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров нахустин муассисаи томактабӣ маҳсуб меёбад.

Зимни шиносоӣ маълум гардид, ки дар муассисаи таҳсилоти томактабии «Баҳор» дар 6 гурӯҳ имконияти мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакон муҳайё буда, барои бозиву фароғат низ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар муассисаи томактабӣ барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони аз 2 то 7-сола тариқи озмун 30 нафар мураббия ва парастори ботаҷрибаи соҳибмаълумот ҷалб карда шуда, таҳсил бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ сурат мегирад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имконоти мавҷудаи кӯдакистон барои дар руҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани насли ояндасози кишвар, беҳтар сохтани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, инкишофи зеҳнии кӯдакон, забондонӣ ва дигар донишу малакаҳо ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Таваҷҷуҳи зиёд ва доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон боис гардид, ки дар тамоми гӯшаву канори кишвар садҳо боғчаву кӯдакистони нав сохта, мавриди истифода қарор дода шавад.

Ҳоло дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 40 муассисаи таҳсилоти томактабӣ амал менамояд ва фарогирии кӯдакон ба ин зинаи таҳсилот бе назардошти марказҳои инкишофи кӯдак бештар аз 20 фоизро ташкил медиҳад.

Иттилоъ дода шуд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо маблағгузории Ҳукумати кишвар ва саҳмгузории соҳибкорон дар ноҳия 24 кӯдакистони наву замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ шароит ва имконияти таълиму тарбия беҳтар гардидааст.



**29-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи истеҳсоли қубуру профилҳои металлии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғдметалл»-ро расман мавриди истифода қарор доданд.**

Корхона бо саҳми соҳибкорони тоҷику ӯзбек Муллоҷон Мансуров ва Фаррух Фахриддинов бунёд карда шудааст. Таъсиси ҶДММ «Суғдметалл» самараи таҳкими ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад, ки бо иродаи сарони ҳар ду кишвар, дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ густариш меёбад.

Ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корхонаи коркарди металл бо харҷи беш аз 500 миллион сомонӣ сармояи дохилию хориҷӣ, бунёди иншооти истеҳсолию инфрасохтори соҳа дар масоҳати 6,5 гектар таъсис дода шуда, дастгоҳу таҷҳизоти муосири стандартҳои аврупоӣ вориду насб гардидааст.

Тавре аён гардид, дар ҶДММ «Суғдметалл» истеҳсоли қубуру профилҳои металлӣ бо технологияи пешрафтаи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҷараёни истеҳсолӣ аз бурриши металл, коркард ва истеҳсоли қубуру профилҳо то бандубасти маҳсулот дар маҷмуи дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсоли ширкатҳои маъруфи давлатҳои Аврупо - Фаспар, Отто Мелс, Филтра, МТС ва Термоту сурат мегирад.

Дар корхона 2 адад таҷҳизоти технологии истеҳсоли қубуру профилҳо аз ширкати Отто Мелс насб гардидааст, ки дорои иқтидори калони истеҳсолӣ мебошад. Дар ҳар яки ин хатҳои технологӣ дар як дақиқа 160 метр қубуру профил истеҳсол мегардад ва иқтидори солонааш 100 ҳазор тонна маҳсулоти металлии сохтмонӣ мебошад.

Дар истеҳсолот ҷараёни кафшергарӣ, бурриш бо санги алмосӣ, арракунӣ ва бандубасти маҳсулот амалӣ мегардад.

Бо истифода аз таҷҳизоти муосири технологӣ аз рӯи ҳаҷм ва андоза 50 намуди қубур ва профилҳои металлии мутобиқ ба сифату стандарт истеҳсол карда мешавад. Тибқи нақшаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ дар корхона дар оянда бо омӯзиши талаботи бозори дохилӣ ҳаҷму намуди қубуру профилҳои металлӣ зиёд карда мешавад.

Муассисону соҳибкорони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғдметалл» нақша доранд бо азхудкунии пурраи бозори дохилӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намоянд ва шумораи коргаронро то ба 300 нафар расонанд. Ҳамзамон, корхона имкони содироти маҳсулотро ба хориҷи кишвар дорад.

Дар корхона барои фаъолияти ҳайати муҳандисию техникӣ ва коргарон бо бунёди биноҳои маъмурият, ошхона, нуқтаҳои санитарию гигиенӣ, истироҳатӣ, толори фитнес шароитҳои меъёрӣ фароҳам оварда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷараёни истеҳсоли маҳсулот аз наздик шинос шуда, иқдоми соҳибкорони ватанию хориҷӣ ва мутахассисони ҶДММ «Суғдметалл»-ро дар таъсиси ин корхонаи муосир саҳмгузории шоиста дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва истиқболи арзанда аз Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар ва ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузорон ба рушди соҳа замина мегузорад ва давоми 5 соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар кишвар беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил гардид. Суръати миёнаи солонаи рушди соҳа дар ин давра дар сатҳи 15 фоиз таъмин шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Садои мардум 1 апрели соли 2025 №41 (4937)

# ШУКӮҲИ ХОСАИ НАВРӮЗ БО ИҚДОМҲОИ ТАЪРИХИИ СЕ САРВАР

(Идома аз саҳ. 1)

**29-уми марти соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба фаъолияти корхонаи истеҳсоли равғани Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Зуҳал» оғоз бахшиданд.**

Иншоот дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат бунёд гардида, иқтидори лоиҳавии он дар як шабонарӯз 40 тонна равғани растанӣ мебошад. Дар корхона 40 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин гардид.

Хатти истеҳсолӣ аз деғҳои бухорӣ, сехи равғантозакунӣ, омода намудани қуттиҳои пластикӣ ва бандубаст иборат буда, маҳсулот дар зарфҳои аз як то панҷлитра вориди бозори истеъмолӣ мешавад.

Корхона бо мақсади таъмини талаботи сокинон бо маҳсулоти ватанӣ ва дорои сифати баланд таъсис ёфта, дар он аз рапс, офтобпараст, сиёҳдона ва чигит равған истеҳсол мешавад.

Ба таъкиди мутахассисони соҳа, ба кор оғоз намудани корхона метавонад, ҳамчунин, ба коҳиши воридоти хӯроки паранда аз хориҷи кишвар мусоидат намояд, зеро кунҷораи истеҳсолшуда, ки дар таркибаш беш аз 6 фоиз равған дорад, ба фабрикаҳои парандапарварӣ бо нархи нисбатан арзон пешниҳод карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо равғани растанӣ тавсияҳои муфид доданд.

Бо таъсиси чунин корхонаҳо имконияти қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо ин навъи маҳсулот бештар шуда, соҳибкорон метавонанд бо истифода аз имтиёзҳои Ҳукумати кишвар истеҳсолоти ватаниро тақвият бахшанд.

Дар ҳамон ҷо Сардари давлат бо маҳсулоти корхона шинос шуданд. Иттилоъ дода шуд, ки равғани ин корхона дорои сифати баланд буда, аз лиҳози экологӣ тоза ва безарар мебошад.

Сарвари давлат иқдоми созандаи соҳибкори ватаниро шоистаи таҳсин хонда, таъкид доштанд, ки бунёди чунин корхона ба сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, асосан, корхонаҳои азими коркарди пахта ва маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, қаннодӣ, консерваи меваю сабзавот, равғани растанӣ, ранг, мебел, риштаи абрешимӣ, атлас, гӯшти мурғ ва ғайра фаъолият доранд, ки молу маҳсулоташон ба давлатҳои ҳамсоя ва даҳҳо кишвари дигар содирот мешавад.

**29-уми марти соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи истеҳсоли ашёи рӯзгори Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ситора саноат»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи мазкур барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар бо истифода аз имтиёзу имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Суҳроб Ғафуров, бо харҷи наздик ба ду миллион сомонӣ бунёд ёфтааст. Тавре иттилоъ доданд, техникаву таҷҳизоти истеҳсолӣ сохти ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар корхона 25 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шуда, дар он 7 намуд ашёи рӯзгор, аз ҷумла таҷҳизоти гармӣ ва шамолдиҳӣ, истеҳсол мегардад. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 15 ҳазор дона ашёи рӯзгор буда, маҳсулоташ ивазкунандаи воридот мебошад. Иттилоъ дода шуд, ки соли 2024 ҳамин анвои маҳсулот ба ҳаҷми 7,5 миллион доллари ИМА ба Тоҷикистон аз хориҷи кишвар ворид шудааст. Акнун имкон фароҳам омад, ки истеҳсоли ин ва дигар навъҳои ашёи рӯзгор дар дохили кишвар ба роҳ монда шавад. Дар корхона барои фаъолияти кормандон шароити лозима фароҳам оварда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти соҳибкори ватанӣ барои саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот баҳои баланд дода, вобаста ба зиёд намудани иқтидори истеҳсолӣ, ба роҳ мондани содироти он дар оянда ва зиёд намудани маоши кормандон тавсияҳои судбахш доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар заминаи дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бахши хусусӣ бо истифода аз имконот ва иқтидорҳои фароҳи мавҷуда ҳамасола корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ки дар онҳо шаҳрвандони зиёд бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мегарданд.

Пешниҳоди имтиёз сабукиҳо ба бахши хусусӣ боиси дилгармии соҳибкорон дар самти бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ гардида, ҳамчунин, сабаби тақвияти иқтидори истеҳсолии кишвар ва ғанӣ гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти саноатӣ мешавад.

**30-юми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи як қатор иншооти гуногун дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд бо 100 ятими кулл аз шаҳру ноҳияҳои вилоят мулоқот намуданд.**

Мулоқоти Сарвари давлат бо нафарони бо амри тақдир аз падару модар маҳруммонда дар меҳвари таваҷҷуҳ ва пуштибонӣ қарор доштани ятимону ниёзмандон аз ҷониби давлату Ҳукуматро бозгӯ мекунад.

Зимни суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷашни байналмилалии Наврӯзро ба ятимон таҳният гуфта, таъкид доштанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини шароити хуби зиндагии онҳо пайваста чораҳои муассир меандешад.

«Фаъолияти мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ва таъмини шароити мусоиди будубош дар онҳо ба рӯзгори босаодату дастраси ин қишри ҷомеа ба таҳсилоти босифат мусоидат менамояд», - иброз доштанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар ҳамон ҷо ятимон аз дасти Пешвои ғамхору раиятпарвар тӯҳфаҳо қабул карданд. Тӯҳфаҳо аз маҷмуи сарулибос, ширинӣ ва маблағҳои пулӣ иборат буд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз онҳо омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарро тақозо намуданд.

**30-юми марти соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Ваҳдати шаҳри Хуҷанд ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти томактабии «Навбаҳор» оғоз бахшиданд.**

Мавриди зикр аст, ки Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ба роҳбарони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои кишвар супориш доданд, то дар давоми панҷ соли оянда дар ҳар маҳаллае, ки зиёда аз 100 оила зиндагӣ мекунад, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бунёд намоянд. Дар навбати худ соҳибкорони вилоят баҳри иҷрои ин супориши Пешвои миллат ба бунёди кӯдакистонҳо авлавият медиҳанд, ки ин корашон дар татбиқи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2020-2025» мусоидат менамояд. Дар 10 синфхонаи бароҳаво барои ба таҳсил фаро гирифтани то 300 кӯдак шароит фароҳам оварда шудааст. Таҳсил бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат гирифта, дар он раванд 35 мураббияи соҳибтаҷриба ба кор ҷалб гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои бунёдӣ ва шароити таҳсил дар кӯдакистони «Навбаҳор» баҳои баланд дода, иқдоми соҳибкоронро намунаи саҳмгузорӣ дар ташаккули зеҳну тафаккури насли ояндаи миллат унвон карданд. Ба таъкиди Сарвари давлат таҳсилоти томактабӣ марҳилаи муҳими ташаккули қобилияти зеҳнӣ ва заминаи мусоиди забономӯзии наврасон маҳсуб меёбад, аз ин лиҳоз, тарбияи кӯдакон дар руҳияи худшиносии миллӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи онҳо ба омӯзиши илмҳои муосир аз ҳайати кормандон ҷиддан тақозо мешавад.

**30-юми марти соли ҷорӣ дар доираи тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Хуҷанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи истеҳсоли панелҳои сохтмонии ҶДММ «Тоҷпанел»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Корхонаи нави саноатӣ бо саҳми соҳибкор Суҳроб Мирзоаҳмадов бунёд шуда, иқтидори он дар як сол истеҳсоли 15 ҳазор метри мураббаъ панелҳои ороишӣ ва 500 метри мукааб деворҳои байниҳуҷравӣ мебошад.

Ҳоло дар корхонаи тозабунёд 20 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шуда, оянда бо зиёд шудани ҳаҷми истеҳсол теъдоди ҷойҳои корӣ ба 30 нафар расонда мешавад. Иттилоъ дода шуд, ки семент ва ашёи хоми истифодашаванда дар истеҳсолот ватанӣ аст.

Дар навбати аввал дар ин ҷо барои қонеъ сохтани талаботи бозори дохилӣ дар намуди маҳсулот - панелҳои ороишӣ барои намои берунаи биноҳо ва деворҳои байниҳуҷравӣ бо шаклу андозаҳои гуногун ба сифати баланд омода шуда, пешниҳоди харидорон мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат ба масъулон дастур доданд, ки дар раванди саноатикунонии босуръат бояд шумораи чунин корхонаҳо дар кишвар зиёд карда шаванд, зеро ин тадбир воридоти маҳсулоти сохтмониро коҳиш дода, барои рушди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар мусоидат менамояд.

Маҳсулоти корхона бо истифода аз дастгоҳу технологияи муосири истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин истеҳсол шуда, ба сифати он кафолат дода мешавад.

Ҳоло дар шаҳри Хуҷанд ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ободонӣ, аз ҷумла бунёди иншооти таъиноти гуногун, вусъат дорад. Аз ин рӯ, барои дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ метавон маҳсулоти корхонаи навбунёдро дар иншооти сохташавандаи ҷашнӣ истифода намуд, зеро дастгирӣ аз маҳсулоти босифати ватанӣ ҳавасмандии соҳибкорони истеҳсолиро дучанд мегардонад.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли 2024 бо саҳми соҳибкорони ҷалбшуда сармояи хориҷӣ дар шаҳри Хуҷанд 48 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси зиёда аз 1000 ҷойи корӣ ба истифода дода шуд ва ҳоло корҳои сохтмонӣ дар дигар иншооти соҳа идома дорад.

**30-юми марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, корхонаи муштараки истеҳсоли профилҳои пластикӣ ва алюминии ҶДММ «Афранг пластик»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки корхонаи истеҳсоли профилҳои пластикӣ ва алюминии ҶДММ «Афранг пластик» дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Тоҳир Олимӣ бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ сохта шудааст. Корхона бо навтарин дастгоҳу технологияи истеҳсоли кишварҳои Олмон, Кореяи Ҷанубӣ ва Чин муҷаҳҳаз гардонида шуда, маҳсулоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда истеҳсол менамояд. Дар он ҷо мувофиқ ба завқи харидор дару тирезаҳои пластикӣ дар шаклу андозаҳои гуногун омодашуда пешниҳод мегардад.

Иттилоъ дода шуд, ки ин корхона калонтарин иншооти соҳа дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» буда, 70-80 фоизи маҳсулоташ ба хориҷи кишвар содирот мегардад. Корҳои сохтмонӣ дар иншооти навсохт қариб се сол идома ёфта, дар ин муддат зиёда аз 100 нафар сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Корхона дар як сол имкон дорад то 6 ҳазор тонна маҳсулоти пластикӣ омода намояд. Ин иқтидор баъд аз се соли фаъолият солона ба 8 ҳазор тонна ва шумораи коргарон ба 150 нафар расонда мешавад.

Ҳоло дар корхонаи мазкур 100 коргар маҳсулоти тайёри пластикӣ ва алюминӣ мутобиқ ба талаботи стандарти аврупоӣ истеҳсол менамоянд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ иқдоми соҳибкори ватаниро дар самти ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таъмини сокинон бо кор муҳим арзёбӣ намуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар шаҳри Хуҷанд ба рушди саноат ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, корхонаҳои муосир бунёд ва сатҳи иҷтимоии аҳолӣ беҳтару хубтар гардонида мешавад. Танҳо дар се моҳи аввали соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд 9 коргоҳу корхонаи нав сохта ба истифода дода шуд, ки ин мисоли равшани рушди соҳа дар ин гӯшаи диёр мебошад.

**30-юми марти соли равон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Шамсободи ҷамоати деҳоти ба номи Исмоили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бинои муассисаи таҳсилоти томактабии ширхоргоҳ-кӯдакистони «Наврӯз»-ро баъд аз навсозӣ мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти мазкур дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни ироаи Паёми солона ба Маҷлиси Олӣ ба роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар хусуси бунёду барқарорсозии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ баён гардида буд, таъмир шуда аз зумраи бандҳои нақшаи чорабиниҳои ҷашнӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ низ мебошад.

Муассисаи таҳсилоти томактабии «Наврӯз» аз ҳисоби маблағҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои 200 кӯдак бо 35 ҷойи корӣ барқарор шуд. Дар ин муассисаи томактабӣ 7 гурӯҳи таълимӣ амал намуда, раванди таҳсил бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст.

Иншоот аз ду ошёна иборат буда, толори мусиқӣ, ошхона, хуҷраҳои хоб, синфхонаҳои таълимӣ аз шумули имкониятҳоест, ки дар кӯдакистон фароҳам оварда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба истифода додани бинои муассисаи таҳсилоти томактабии «Наврӯз»-ро туҳфаи идона ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз ба кӯдакони деҳа муаррифӣ карданд.

Гуфта шуд, ки ҳоло фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 28,7 фоизро ташкил дода, дар ноҳия 40 кӯдакистони давлатию хусусӣ амал мекунанд.

Деҳаи Шамсобод ҳам аз ҷумлаи маҳаллаҳое мебошад, ки зичии аҳолӣ дар он ба мушоҳида мерасад. Ҳоло дар ин деҳа 4000 нафар зиндагӣ мекунад ва барои фарзандони бошандагон фаъолияти 3 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар умум, масъалаи бунёд ва барқарорсозии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки аз минтақаҳои сернуфуси кишвар мебошад, мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дошта, дар панҷ соли оянда қарор аст дар ноҳия даҳҳо муассисаи томактабии нав бунёд карда шавад.

Бояд гуфт, ки тарбия ва ба таҳсили хушсифат фаро гирифтани насли наврас аз ҳадафҳои муҳими давлат дониста мешавад ва талошҳо ба он равона шудаанд, ки кӯдакон дар шароити хуб таҳсил намуда, оянда барои пешрафти диёри худ саҳми арзанда гузоранд.

**30-юми марти соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар деҳаи Шамсободи деҳоти ба номи Исмоили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров маркази саломатиро мавриди истифода қарор доданд.**

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бунгоҳи тиббӣ дар як ҷойи ноободи деҳа бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва иштироки фаъоли сокинон бунёд карда шуд.

Баъди аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардидани иншооти соҳаи тандурустӣ дар ин ҷо 15 нафар соҳиби кори доимӣ гаштанд.

Маркази саломатӣ аз 7 ҳуҷра ва қабулгоҳ иборат буда, дар он шуъбаҳои таваллуд, хатна, табобати дандон, таҳлилгоҳ, сӯзангузаронӣ ва ҳуҷраи духтури тибби оилавӣ мавҷуд аст.

Тавре иттилоъ дода шуд, маркази саломатӣ дар масоҳати наздики 1 гектар бунёд гардида,ба 4500 нафар сокини деҳаи Шамсобод хизмати муосири тиббӣ мерасонад.

Қаблан сокинони деҳа ба шаҳру ноҳияҳои дурдасти вилоят рафта, аз ташхис гузаштаву табобат мегирифтанд, акнун бо шарофати дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин мушкилоти онҳо ҳалли худро пайдо кард.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо шароити хизматрасонӣ дар бунгоҳи саломатӣ табибонро ба хизматрасонии сатҳи баланд ба мардум ва муомилаву муносибати хуб ба беморон ҳидоят намуданд.

**30-юми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи парандапарварии комплекси агросаноатии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саховат»- ро ифтитоҳ карданд.**

Корхонаи парандапарварии ҶДММ «Саховат» ба хотири саҳмгузорӣ дар таъмини амнияти озуқавории кишвар ҷиҳати истиқболи шоистаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи соҳибкор Ҳалимбой Каримов таъсис дода шудааст.

Иқтидори корхонаи мазкур парвариши 80 ҳазор сар мурғи тухмдеҳ буда, дар як шабонарӯз дар он 65 ҳазор дона тухм истеҳсол мешавад.

Зарфияти истеҳсолӣ дар ин корхона устувор буда, қарор аст дар оянда нигоҳубини 130 ҳазор мурғи тухмдеҳ ба роҳ монда шуда, дар як шабонарӯз 110 ҳазор дона тухм ба даст оварда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ ба иқдоми соҳибкор ҷиҳати таъсиси корхонаи парандапарварӣ баҳои баланд дода, ба масъулон дастур доданд, ки бобати рушди бештари соҳа имкониятҳои мавҷудаи истеҳсолиро васеъ истифода намуда, ҳамаи зинаҳои парандапарвариро дар истеҳсолот дурусту мақсаднок ба роҳ монанд.

Масоҳати корхонаи парандапарварии ҶДММ «Саховат» як гектар заминро ташкил дода, дар он фаъолияти 3 мурғхона ва 1 коргоҳи чӯҷабарорӣ ба роҳ монда шудааст. Аҳли заҳмати корхона ба парвариши мурғҳои хушзот бо назардошти ба иқлими маҳал ва ба бемориҳои гуногун мутобиқ буданашон бартарӣ медиҳанд.

Зимнан, дар ҳудуди фабрика коргоҳи истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда низ фаъолият дорад, ки ба коркарди ашёи хом машғул мебошад. Дар фабрикаи парандапарварии ҶДММ «Саховат» 25 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин шудаанд.

Дар доираи корҳои сабзу хуррамгардонии муҳити атроф, дар ҳудуди комплекси агросаноатӣ дар масоҳати муайян гармхонаҳо ташкил гардида, дар онҳо парвариши гулҳои мавсимӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар онҳо 15 нафар, асосан занон, бо кор таъмин шудаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо рафти истеҳсолот тавсия доданд, ки масоҳати гармхонаҳо на танҳо барои гулпарварӣ, балки ҷиҳати парвариши дигар намуди маҳсулот васеъ истифода карда шавад.

**30-юми марти соли равон дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо фаъолияти фермаи парвариши чорвои зотии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Саховат» шинос шуданд.**

Фермаи парвариши чорвои зотӣ аз ҷониби соҳибкор Ҳалимбой Каримов таъсис дода шуда, мақсад аз он нигоҳубини навъҳои хушзоту сермаҳсули чорвои калони шохдор мебошад.

Иттилоъ дода шуд, ки дар ферма 100 сар гови зотҳои сементал ва голштейн нигоҳубин карда мешавад. Фермаи ширӣ дар масоҳати 3 гектар бунёд шуда, дар он 15 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шудаанд. Аз чорвои калони ширдеҳ, ки теъдодаш ба 50 сар мерасад, ҳар шабонарӯз бештар аз 1 тонна шир гирифта мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба имкониятҳои фаровони минтақа дастур доданд, ки теъдоди чорвои зотӣ дар ҳудуди комплекси агросаноатӣ зиёд ва роҳу василаҳои таъмини афзоиши истеҳсоли хӯроки омехтаи чорво пайдо карда шавад.

Нигоҳубини чорво дар ин ферма, ки дар муддати кӯтоҳ ташкил гардидааст, тариқи замонавӣ ба роҳ монда шуда, технологияи муосир аз давлатҳои хориҷӣ харидорӣ ва насбу васл шудааст.

Наслгирӣ дар мавсими ҷорӣ хуб буда, аҳли заҳмат барои парвариши чорвои навзод ҳамаи имкониятҳоро мақсаднок истифода карда, нигоҳубини гӯсолаҳоро тибқи технология ва меъёрҳои муосири чорводорӣ ба роҳ мондаанд.

Фермаи мазкур дар асоси барномаҳои давлатӣ ва дастуру супоришҳои роҳбарияти олии кишвар бо мақсади саҳмгузорӣ дар амалисозии стратегияи давлатии таъмини амнияти озуқаворӣ, хушзоткунии чорво ва воридоту ба иқлими минтақа мувофиқ сохтани зотҳои сермаҳсул таъсис дода шудааст.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суҳбат бо хоҷагидорон таъкид карданд, ки дар шароити имрӯза танҳо парвариши чорвои зотӣ имкон фароҳам меорад, ки бозори истеҳсолӣ бо гӯшту шири босифати аз лиҳози экологӣ тоза таъмин бошад.

Таъкид гардид, ки тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бахши чорводорӣ, омӯзиши таҷрибаи муосир дар ин самт, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла беҳтарсозии зоти чорво ва афзоиш додани маҳсулнокӣ, беҳсозии фаъолияти нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, пешгирии коҳишёбии саршумори чорвои зотӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъмини пешрафти ин бахши соҳаи кишоварзӣ бояд васеъ ба роҳ монда шавад.

Роҳбарияти комплекси агросаноатӣ ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки ояндаи наздик теъдоди говҳои ҷӯшо дар ҳамин ферма то ба 400 сар расонида мешавад. Барои таъмини ин нишондод ҳамаи имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти фермаи парвариши чорвои зотии ҶДММ «Саховат», Роҳбари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр доштанд, ки чорводорӣ аз самтҳои сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, аҳолии кишварро бо гӯшту шир ва корхонаҳои саноатиро бо ашёи хом таъмин менамояд. Аз ин хотир, Ҳукумати кишвар ба рушди он таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намуда, барои зиёд кардани саршумори чорво аз тамоми имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурданро тақозо менамояд.

Зимнан, хоҷагидоронро зарур аст, ки аз имтиёзу дастгириҳои давлатӣ самаранок истифода карда, рушди ин соҳаи сердаромадро таъмин созанд.

**31-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров барои мулоқоту музокироти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, иштирок дар тантанаҳои идонаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва дигар чорабиниҳои муштарак ба шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Хуҷанд меҳмони воломақомро ба нишони накуҳамсоягӣ ва анъанаҳои меҳмоннавозӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқбол гирифтанд.

Ба Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон гулдухтарони тоҷик дастагул пешкаш намуданд.

Барои истиқболи меҳмони олиқадр дар майдони фурудгоҳ роҳрави сурх густурда шуда, аксҳои сарони давлатҳо, инчунин, парчамҳои давлатӣ ва шиорҳои тараннумгари дӯстию бародарии халқҳои се кишвари ҳамсоя насб гардиданд.

Барномаи кӯтоҳи фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандон дар фурудгоҳ ба маросими истиқболи меҳмони воломақом шукӯҳи хос зам намуд.

**31-уми марти соли равон мулоқоти дуҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, ки бо сафари корӣ ба шаҳри Хуҷанд ташриф оварданд, баргузор гардид.**

Сарвари давлати мо меҳмони воломақомро хайрамақдам гуфта, ӯро бо Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик намуданд ва таъкид доштанд, ки вохӯриҳои имрӯза бо назардошти масъалаҳои баррасишаванда аҳамияти хоса доранд.

Ҳар ду роҳбар ҳамфикр буданд, ки имзои Протокол дар бораи табодули тасдиқномаҳои Шартнома дар бораи сарҳади давлатӣ ва ифтитоҳи хатти интиқоли барқи 500 - киловолтаи «Датка - Хуҷанд»-и лоиҳаи CASA - 1000 байни Тоҷикистон ва Қирғизистон рӯйдодҳои таърихӣ мебошанд.

Зимни музокирот сарони ҳар ду давлат вазъ ва дурнамои муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистонро ҳамаҷониба баррасӣ карда, оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба рушд ва таҳкими муносибатҳои накуҳамсоягии ҳар ду кишвар табодули афкор намуданд.

Сарони давлатҳо таҳкими муколамаи сиёсии дуҷониба дар ҳама сатҳҳо ва такон бахшидан ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро бо таваҷҷуҳ ба афзун намудани ҳаҷми гардиши мол мутобиқ ба иқтидори мавҷудаи ҳар ду кишвар ба мақсад мувофиқ донистанд. Дар робита ба ин, аҳамияти андешидани тадбирҳои муштарак оид ба рушди инфрасохтори наздисарҳадӣ, аз ҷумла марказҳои нақлиётӣ ва ифтитоҳи гузаргоҳҳои нави сарҳадӣ, бо мақсади тавсеаи имконоти пешбурди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ таъкид гардид. Бартараф намудани монеаҳои мавҷуда ва сода гардонидани расмиёти убури сарҳад, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, обу энергетика ва кишоварзӣ, инчунин, дар бахши кооператсияи саноатӣ муҳим дониста шуд.

Дар ин замина, ба фаъол кардани кори сохторҳои байниҳукуматӣ оид ба баррасии тамоми маҷмуи муносибатҳои дуҷониба таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, масъалаи дар ояндаи наздик баргузор намудани ҷаласаи нахустини Шурои байниҳукуматӣ дар сатҳи сарвазирон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қобили зикр аст, ки қарор дар бораи таъсиси ин шуро зимни мулоқоту музокироти сатҳи баланд дар Бишкек дар доираи сафари давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қирғизистон қабул карда шуд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, ба таҳкими равобити фарҳангиву гуманитарӣ, бахусус дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, сайёҳӣ ва варзиш, таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Ҳамчунин, оид ба идомаи ҳамоҳангсозии мавқеъҳои ҳар ду кишвар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Музокирот дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дар руҳияи созанда баргузор шуд.








**31-уми марти соли ҷорӣ баъд аз анҷоми мулоқоти хосаи сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон маросими имзои санади таърихӣ - Протоколи мубодилаи тасдиқномаҳои Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон, инчунин, ду созишномаи байниҳукуматӣ – «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ» ва «Дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои мошингард, ободонӣ ва истифодаи чорроҳаи мошингард» баргузор гардид.**

Баъди табодули Протоколи мубодилаи тасдиқномаҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров ба таври фосилавӣ хати интиқоли барқи 500 кВ «Датка - Суғд»-ро, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи CASA-1000 сохта шудааст, мавриди истифода қарор доданд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ШУКӮҲИ ХОСАИ НАВРӮЗ БО ИҚДОМҲОИ ТАЪРИХИИ СЕ САРВАР



(Идома аз саҳ. 2)

**31-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев барои анҷом додани мулоқоту музокироти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, иштирок дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва дигар чорабиниҳои муштарак ба шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Хуҷанд меҳмони воломақомро ба нишони накуҳамсоягӣ ва анъанаҳои меҳмоннавозӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқбол гирифтанд.

Ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон гулдухтарони тоҷик чун анъана дастагул пешкаш намуданд.

Барои истиқболи меҳмони олиқадр дар майдони фурудгоҳ роҳрави сурх густурда шуда, аксҳои сарони давлатҳо, инчунин, парчамҳои давлатӣ ва шиорҳои тараннумгари дӯстию бародарии халқҳои се кишвари ҳамсоя насб гардиданд.

Барномаи кӯтоҳи фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандон дар фурудгоҳ ба маросими истиқболи меҳмони воломақом шукӯҳи хос зам намуд.

**31-уми марти соли равон дар шаҳри Хуҷанд мулоқоти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев баргузор гардид.**



Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони воломақомро хайрамақдам гуфта, бо Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик намуданд ва аз рушди босуръати муносибатҳои ҳар ду давлат дар ҳамаи соҳаҳо изҳори қаноатмандӣ карданд. Густариши фаъолонаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ махсус зикр гардид.

Зимни суҳбат сарони давлатҳо аҳамияти имзои Аҳдномаи таърихӣ дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ таъкид намуда, онро боз як далели равшани дӯстии қавӣ ва дастгирии ҳамдигарии ҳар ду давлат номиданд.

Ҳар ду роҳбар омодагии худро барои минбаъд низ дар ин руҳия муттасил рушд додани муносибатҳои байнидавлатӣ таъкид намуданд.

Зимни суҳбати судманд ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуд.

Ҷонибҳо ҷараёни устувор гардиши савдои дуҷонибаро, ки далели иқтидори назарраси мавҷуда ҳар ду кишвар барои афзоиши минбаъдаи он мебошад, зикр карданд. Зиёд гардидани сармоягузории дуҷониба нишондиҳандаи муҳими густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ номида шуд.

Дар ин замина, ба мақсад мувофиқ будани татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ ва нақлиёт, зикр шуд.

Сарони ҳар ду давлат ба густариши ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, аҳамияти баргузории конференсияҳои илмӣ-амалӣ, форумҳо, фестивалҳо, симпозиумҳо ва мулоқотҳои зиёиёни эҷодкор ва илмиро таъкид намуданд.

Инчунин, оид ба баъзе масъалаҳои вобаста ба амният, мушкилоти минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор шуд.

**31-уми марти соли ҷорӣ баъд аз анҷоми мулоқоти хосаи сарони давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки дар фазои дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт, дар ҳамон ҷо маросими имзо ва мубодилаи санади муҳими таърихӣ - Протоколи мубодилаи тасдиқномаҳои Аҳдномаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ баргузор шуд.**

Санади мазкур дар ҳузури сарони давлатҳо аз ҷониби вазирони корҳои хориҷии ҳар ду кишвар ба имзо расид.

**31-уми марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмонони воломақомро самимона истиқбол намуданд ва маросими аксбардории муштараки сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон баргузор гардид.

Дар оғози мулоқот Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарони давлатҳои ҳамсояро самимона хайрамақдам гуфта, бори дигар онҳоро бо Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик намуданд ва изҳор доштанд, ки «ин ҷашн давоми ҳазорсолаҳо барои таҳкими ҳадафҳои баланди инсондӯстӣ ва эҳтироми ҳамдигар, ҳамбастагӣ ва ризоият хизмат намудааст».

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «кишварҳо ва мардумони моро риштаҳои қавии дӯстии бисёрсола, накуҳамсоягӣ ва рушди муштарак бо ҳам мепайванданд».

«Мо дар Тоҷикистон муносибатҳоро бо Қирғизистон ва Ӯзбекистон, ки бар пояҳои накуҳамсоягӣ, бобаробарҳуқуқӣ, эҳтиром ба ва назардошти манфиатҳои ҳамдигар асос ёфтаанд, хеле баланд медиҳем», - зикр намуданд Пешвои миллат зимни суханронӣ. Дар идома Сарвари давлати мо рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои се кишварро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон номиданд.

Президенти давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баимзорасии Шартномаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишварро «рӯйдоди бисёр муҳим» арзёбӣ намуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз натиҷаҳои пурсамари сафари давлатии ба наздикӣ анҷомёфтаи худ ба Қирғизистон изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз доштанд, ки ҷонибҳо Тоҷикистон азм доранд дар даврҳои оянда тамоми кӯшишҳоро барои фароҳам овардани заминаи зарурӣ ҷиҳати ҳамкориҳои гуногунҷабҳа созанда дар кишвар равона намоянд.

Сарвари давлати мо аз имзои Шартнома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ ва табодули тасдиқномаҳо оид ба он изҳори қаноатмандӣ намуданд ва таъкид доштанд, ки бо имзои ин санади таърихӣ «дар муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон марҳилаи сифатан нави рушд оғоз ёфт».

Дар идома муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки «мо ба ояндаи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Ӯзбекистон хушбинии баланд дорем».

Дар фарҷоми суханронӣ Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯзаи роҳбарони се кишвари ҷониби «ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ, муносибатҳои накуҳамсоягӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва эътимоди мутақобил, инчунин, ҳамкориҳои созандаву муассир миёни кишварҳоямон ва мардумони бародар мусоидат менамоянд».

**31-уми марти соли равон пас аз анҷоми мулоқоти сеҷониба маросими имзои Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ баргузор гардид.**

Санадҳои муҳими таърихӣ – Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ дар фазои тантанавӣ аз ҷониби сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҳтарам Садир Жапаров ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба имзо расид.

Сипас, сарони давлатҳо дар маросими ифтитоҳи фосилавии стелаи (сутуни) рамзӣ дар нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон иштирок намуданд.

Бо розигии сарони давлатҳо аз ҷониби намояндагони масъули ҷонибҳо иншооти рамзӣ дар фазои тантанавӣ ифтитоҳ ёфт.

Садои мусиқӣ дар майдони ифтитоҳи иншоот бо истифода аз карнай, сурнай ва дигар созҳои миллӣ ба маросим шукӯҳи хоса бахшид.

**31-уми марти соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳмонони олиқадри тантанаҳои наврӯзӣ муҳтарам Садир Жапаров ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба маҷмааи Қалъаи Хуҷанд ташриф оварда, бо иншооти муҳташами фарҳангӣ ва намоиши маҳсули дасти ҳунармандони тоҷик, қирғиз ва ӯзбек шинос шуданд.**

Дар даромадгоҳи қалъа меҳмононро гурӯҳи кӯдакон бо намоиши бозиҳои гуногуни варзишӣ, ки хоси ҷашни Наврӯз мебошад, истиқбол гирифтанд.

Баробари расидани сарони кишварҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба қалъа гурӯҳи карнайнавозон ва доиразанон аз болои растаҳои ҳунармандӣ меҳмононро пешвоз гирифта, фазои дилкушои наврӯзӣ фароҳам намуданд.

Даромадгоҳи Қалъаи Хуҷанд ва ҳам саҳни он бо парчамҳои давлатии ҳар се кишвар, аксҳои роҳбарони давлатҳо, шиору овезаҳои тараннумгари дӯстии мардумон ва дигар ороишоти хоси наврӯзӣ зебу зинат ёфта буд.

Дар назди дарвозаи қалъа бо либосҳои миллӣ ҷавондухтарон бо забонҳои тоҷикӣ, қирғизӣ ва ӯзбекӣ меҳмононро хайрамақдам гуфтанд. Дар тарафи рости даромадгоҳи наврӯзгоҳ деги калони суманак қарор дошт. Сарони давлатҳо бо кофтани суманак ба ин оини наврӯзӣ арҷгузорӣ намуданд.

Дар саҳни ҳавлии базмгоҳ ҳунармандони ҳар се кишвар, ҷавонону кӯдакони хуштолеъ бо либосҳои зебои миллии ҳар се давлат меҳмонони олимақомро самимона истиқбол гирифтанд.

Дар айвонҳои зебову мунаққаши қалъа аҳли санъати ҳар се кишвар, мутрибон, аз ҷумла ҷавондухтарони дуторнавоз ва шашмақомсаро, бо навозиши фораму дилнишин табъи меҳмононро болида сохтанд.




Саҳни назди даромадгоҳи осорхонаи таърихии қалъа низ идона оро ёфта буд. Дар даромадгоҳи осорхона роҳбалад меҳмононро гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба онҳо нигораҳои нодир ва нақшу нигорро муаррифӣ намуд.

Шиору овезаҳо ва суханҳои ҳикматомези бузургони илму адаби тоҷик ва қирғизу ӯзбек, ки дар он ҷо ба назар мерасид, тараннумгари дӯстию бародарии мардумони ҳар се кишвари ҳамсоя аст.

Меҳмонон дар он ҷо аз чор толори осорхона дидан карда, бо таъриху тамаддуни ғанӣ ва қадимаи мардуми тоҷик ошноӣ пайдо намуданд. Дар яке аз толорҳо тавассути монитор ва пахши навор оид ба таърихи Қалъаи Хуҷанд маълумот дода шуд.

Бояд гуфт, ки асоси ороишоти толорҳои осорхонаро санъати миллии меъмории тоҷик, ба монанди кандакорӣ, наққошӣ, кундалкорӣ, коркарди бадеии чӯб, санг, гаҷкорӣ ва кошинкорӣ ташкил медиҳад, ки бо маҳорати баланд таҳия шудааст.

Баъд аз шиносоӣ бо нақшу нигори толорҳои осорхона сарони давлатҳо дар саҳни ҳавлӣ аз намоиши хӯрокҳои миллӣ ва шириниҳо боздид намуданд. Дар ин намоиш ҳафтсину ҳафтшин ва ҳафтмим, намудҳои гуногуни шириниву хӯришҳо ба маъраз гузошта шуд.

Дар даромадгоҳи маҳаллаи ҳунармандон кӯдакон барои пазироии меҳмонони олимақом сурудҳои сиёҳгӯшу бойчечак замзама карданд.

Дар ҳар як ҳавлии маҳаллаи қадимаи қалъа намоиши ҳунарҳои миллӣ ва фолклории сокинони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба назар мерасид.

Меҳмонон аз маҳаллаи ҳунармандон, бахусус хонаи наққошон ва қолинбофон, дидан намуда, бо анъанаҳои ниёгони мардуми тоҷик шинос шуданд. Дар рафти боздид ба сарони давлатҳо оид ба таърих ва пайдоиши ҳар як намуди ҳунарҳои мардумӣ, ки то имрӯз ҳифз шудааст, маълумот дода шуд.

Дар чойхонаи миллӣ иҷрои ҳунари волои кандакорӣ, гаҷкорӣ, кундалнигорӣ ва наққошии бемисл ба зебоии бино шукӯҳи хос бахшидааст.

Дар растаи таомҳои миллӣ ва



нонҳо меҳмонон ба таомҳои миллии тоҷикӣ, қирғизӣ ва ӯзбекӣ, аз ҷумла ба санъати баланди тайёр кардани оши палов, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баъд аз суҳбат ба ошпазҳо баҳои баланд доданд.

Дар намоишгоҳи калони ҳунармандон, ки аз ҷониби устоҳои гулдаст ва доираҳои гуногуни аҳли фарҳанги давлатҳо таҳия шуда буд, сарони давлатҳо бо намунаҳои маҳсули дасти устоҳои чирадаст, косибон ва заргарони Тоҷикистон ва Қирғизистону Ӯзбекистон шинос шуданд.

Барои меҳмонони олимақоми Қалъаи Хуҷанд аз ҷониби ҳунармандон, аҳли фарҳанги давлатҳои Тоҷикистон ва Қирғизистону Ӯзбекистон намоиши театрӣ таҳти унвони «Меҳрнома» манзур гардид.

**Бегоҳии 31-уми марти соли 2025 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҳтарам Садир Жапаров ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз, ки дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон» иборат аз барномаи муштараки фарҳангии аҳли ҳунари ҳар се кишвар пешкаш гардид, иштирок намуданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маросими тантанавӣ меҳмонони олимақом – сарони давлатҳои Қирғизистону Ӯзбекистон, мардумони ҳар се кишвар, инчунин, намояндагони дигар давлатҳои дӯст ва шарикони байналмилалиро, ки ба Хуҷанди бостонӣ ба ин муносибат ташриф оварданд, бо Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрик намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи мақом ва расму оини устувори Наврӯз ҳарф зада, изҳор доштанд, ки ин ҷашн «ҳамчун ҷузъи таркибии таъриху фарҳанги мо аз қаъри қарнҳо моро ба таҳкими сулҳу субот, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ водор месозанд».

Сарвари давлати мо инро низ «комилан возеҳ» номиданд, ки имрӯз ҳам талошҳои муштараки мо ба истифодаи ҳамаҷонибаи асосҳои башардӯстӣ ва рамзҳои олии ҷашни таърихии Наврӯз ба нафъи наслҳои имрӯзаву оянда равона шудаанд.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар баимзорасидаро «санади таърихӣ» номида, таъкид доштанд, ки «ҳамин тавр, мо бори дигар қатъиян эълон намудем, ки аз арзишҳои сулҳ ва усулҳои ҳалли ҳамаи масъалаҳои мавҷуда аз роҳи музокира, дар руҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, самимият, эҳтиром ва эътимоди ҳамдигар пуштибонӣ мекунем».

Дар идома муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки «аз имрӯз эътиборан марзҳои ҳар се кишвар ба марзҳои дӯстии абадӣ, ҳамсоягии воқеан нек ва шарикии созанда табдил хоҳанд ёфт».

Сарвари давлати мо тавофуқоти бадастомадаро азми табиии мардумони ҳар се кишвар арзёбӣ намуда, таъкид доштанд «мо вазифадорем, ки минбаъд низ дар ин самт саъю талоши муштарак ба харҷ диҳем».

Сарони давлатҳои Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров ва Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев низ ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрикот ва таманниёти нек карданд.

Сипас, тантанаҳои бошукӯҳ ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар варзишгоҳи марказии шаҳри Хуҷанд бо барномаи пурмуҳтавои фарҳангии ҳунармандон ва гурӯҳҳои эҷодии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон идома ёфтанд, ки намунаи наздикии маънавию фарҳангии мардумони ҳар се кишвар гардид.

Барномаи ҳунарӣ, ки мазмунан фарогири савту навои дӯстиву бародарӣ ва накуҳамсоягӣ буд, ба намунаи возеҳи некхоҳиву накусириштӣ табдил ёфт.

**Шоми 31-уми марти соли равон пас аз иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва анҷоми сафари корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сарони давлатҳои Қирғизистону Ӯзбекистон муҳтарам Садир Жапаров ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз шаҳри Хуҷанд баргаштанд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд меҳмонони олимақомро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона гусел намуданд.

**1-уми апрели соли 2025 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони корхонаи ғанигардонии маъдани оҳани ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров санги асос гузошта шуд.**

Ин боз як қадами устувор ба сӯйи рушди минбаъдаи соҳаи саноати маъдан, афзоиши иқтидори истеҳсолии кишвар ва содироти маҳсулоти ватанӣ мебошад, зеро ин нахустин корхонаи ғанигардонии маъдан дар Тоҷикистон дар даврai соҳибистиқлолӣ хоҳад буд.

Корхонаи мазкур ҷиҳати истихроҷ ва коркарди маъдани оҳану дигар маъданҳои ҳамроҳ ва истеҳсолу содироти маҳсулоти босифат аз он бо сармояи ватаниву хориҷӣ бунёд ва бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз мегардад. Танҳо захираи маъдани оҳан дар ин кон наздики 60 миллион тонна мебошад.



Корхона дар ду марҳила бунёд ёфта, марҳилаи аввали он то соли 2027 ва дуюмаш то соли 2031 ба кор даровarda мешавад. Иқтидори лоиҳавии солонаи корхона истихроҷ ва коркарди 2,5 миллион тонна маъдан буда, аз он 1,1 миллион тонна консентрати истеҳсолӣ ба даст меояд. Ҳаҷми маъдани оҳан дар хока 62-65 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин кон, ҳамчунин, дигар маъданҳои сиёҳ ва рангаи ҳамроҳ истеҳсол хоҳад шуд. Корхонаи мазкур на танҳо ивазкунандаи воридот аст, балки қисми зиёди маҳсулоташ ба содирот нигаронида шудааст.

Ҳоло дар корҳои сохтмонӣ 600 мутахассиси маҳаллӣ ва хориҷӣ ба кор ҷалб шуда, пас аз ба кор даромадани марҳилаи аввали корхона 1200 нафар ва баъди пурра омода шудани корхона дар он беш аз 2000 нафар бо кори доимӣ ва моҳонаи хуб таъмин хоҳанд шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки барои таъмини рафти сохтмон бо қуму шағал ва бетон дар дохили корхона коргоҳи истеҳсоли чунин маҳсулот мавҷуд аст.

Барои таъмини фаъолияти мунтазами корхона сохтмони инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла хатти баландшиддати барқии 220 кВ ба масофаи 14 километр, хати об аз 17 километр ва 15 километр роҳи мошингард, идома дорад. Оянда, ҳамчунин, кашидани хати алоҳидаи роҳи оҳан ба масофаи 30 километр дар назар аст. Ҳамчунин, барои бинокорон хобгоҳ, ошхона ва дигар шароити зарурии корӣ фароҳам оварда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои босамари корҳо аз ҷониби корхона зиёда аз 200 техникаву таҷҳизоти пуриқтидори калон харидорӣ шуда, ба таври шабонарӯзӣ фаъолият доранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз ҷараёни корҳо дар корхона ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, «Комбинати металлургии тоҷик» ва дигар муассисаҳои масъул барои иҷрои саривақтии корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур ва ҷиҳати то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ расонидани он супоришҳои мушаххас доданд.

**1-уми апрели соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз оғоз бахшидан ба сохтмони корхонаи ғанигардонии маъданҳои Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Комбинати металлургии тоҷик» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо фаъолони соҳаи саноати вилояти Суғд мулоқот намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари корӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро дар рӯзҳои 29-30 март натиҷагирӣ карда, оид ба вазъи корҳои созандагӣ ва рушди соҳаи саноати кишвар бо таҳлилҳо андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки ҳамаи тадбирҳои дар даврони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати кишвар ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон равона гардида, то имрӯз барои расидан ба ин ҳадафи олӣ заминаи мусоиди кору фаъолият фароҳам оварда шудааст.

Гуфта шуд, ки дар панҷ соли охир дар ҳудуди вилояти Суғд 680 корхонаву коргоҳи саноатӣ бо таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ бунёд ёфта, ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз кардааст. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят мунтазам афзуда, соли 2024 ба 30,4 миллиард сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2020-ум ду баробар зиёд мебошад.

Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву иқтидорҳои мавҷуда, барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмин намудани аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсул ҳоло ҳам нокифоя мебошанд. Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳои марбута вазифадор шуданд, ки барои ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки дорои арзиши баланди илова тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Зимни таҳлили вазъи содирот иброз гардид, ки имкониятҳои вилоят доир ба зиёд кардани ҳаҷми содирот, бахусус содироти маҳсулоти тайёр, ҳоло ҳам пурра истифода нашуда истодааст.

Барои рушди соҳаи саноати маъдан ва ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ба сохторҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд.

Пешвои миллат ҳадафи бунёди Корхонаи ғанигардонии маъдани оҳани «Комбинати металлургии тоҷик» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуровро пешрафти соҳаи саноат, бахусус мусоидат ба рушди соҳаи саноати маъдан ва таъсиси ҷойҳои корӣ, маънидод намуданд. Гуфта шуд, ки дар ҷараёни сохтмони корхона наздики 600 нафар, дар марҳилаи аввали ба кор даромаданаш 1 ҳазору 200 нафар ва пас аз пурра омода шудани он 2 ҳазор шаҳрванд бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мегарданд.

Баъд аз таҳлили вазъи истихроҷ ва истеҳсолу коркарди маҳсулот дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохторҳои марбутаро барои ба роҳ мондани фаъолияти истихроҷ ва коркарди маҳсулот вазифадор намуданд.

Таъкид гардид, ки имрӯзҳо дар саросари кишвар, аз ҷумла дар вилояти Суғд, барои дар сатҳи шоиста ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ корҳои ободониву созандагӣ вусъат гирифта истодааст, ки дар ин раванд соҳибкорон саҳми назаррас доранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш доданд, ки барои иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаҳои пешбинигардидаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Дастурҳои дигар ба масъулини як қатор сохторҳои давлатӣ вобаста ба таъсиси корхонаҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва бартараф кардани омилҳои боздорандаи рушди соҳаи саноат дода шуд.

Дар фароварди сухан Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сармоягузорону соҳибкорон ва роҳбарони корхонаву коргоҳҳои саноативу кишоварзии вилоят талаб намуданд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои умумимиллӣ ва рушду пешрафти кишвар талош варзанд.

www.prezident.tj

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 428096 | Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, гармкунаки барқӣ ва картридж | Озмуни кушод | Мол | 23 | 18.04.2025 15:10:15 |
| 2 | 428097 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Кӯшониён | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 18.04.2025 15:10:40 |
| 3 | 428098 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Кӯшониён | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 18.04.2025 15:15:35 |
| 4 | 428100 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи вилоятии клиникии бемориҳои сироятӣ дар ноҳияи Данғара» | Молҳои барқӣ, хоҷагидорӣ, насоси обӣ, асбобҳо ва гипохлориди калсий | Озмуни кушод | Мол | 45 | 18.04.2025 15:35:05 |
| 5 | 428101 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ, мебел ва техникаи маишӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 18.04.2025 16:10:00 |
| 6 | 428102 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №8-и ноҳияи Спитамени вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 18.04.2025 16:30:00 |
| 7 | 428103 | Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд | Пленкаи рентгенӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 18.04.2025 16:50:00 |
| 8 | 428104 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Б.Ғафуров | Қисмҳои эҳтиётии пойгоҳи обкашӣ ва равғани трансформаторӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 18.04.2025 17:15:00 |
| 9 | 428105 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Хуҷанд | Хизматрасонӣ оиди сохтани дарахти сунъии арчаи наврӯзӣ барои эҳтиёҷоти Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Хуҷанд (миқдор: 4 адад) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 18.04.2025 17:25:00 |
| 10 | 428106 | Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ, насби деги буғӣ, насосҳо ва дигар таҷҳизот дар Беморхонаи клиникавии №1 шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 18.04.2025 17:25:00 |
| 11 | 428107 | Муассисаи давлатии хонаи кӯдакони №1-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 20.04.2025 09:00:00 |
| 12 | 428110 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷ.Балхӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 22.04.2025 09:45:10 |
| 13 | 428111 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №5-и шаҳри Бохтар | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 22.04.2025 09:50:35 |
| 14 | 428113 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникии ноҳияи Ҷайҳун» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 22.04.2025 09:55:10 |
| 15 | 428108 | Маркази вилоятии солимгардонии касалиҳои шараёну дили шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 22.04.2025 10:00:00 |
| 16 | 428109 | Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | POS-терминалҳо | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.04.2025 10:00:00 |
| 17 | 428114 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон» | Битум, сангреза, қум, ранг барои кашидани хатҳои уфуқӣ, автошина ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 22.04.2025 10:10:55 |
| 18 | 428115 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ёвон | Сӯзишворӣ ва равғани муҳаррики дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 22.04.2025 10:15:15 |
| 19 | 428116 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Ёвон | Таъмири ҷории муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Ёвон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 22.04.2025 10:20:20 |
| 20 | 428117 | Муассисаи давлатии «Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Дӯстӣ» | Тоза намудани заҳбуру заҳкаш ва каналҳое, ки дар тавозуни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Дӯстӣ мавҷуданд | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 22.04.2025 10:35:40 |
| 21 | 428118 | Муассисаи давлатии нақлиёти махсусгардонидаи соҳаи тандурустии вилояти Хатлон | Сӯзишвориҳо ва гази моеъ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 22.04.2025 10:40:10 |
| 22 | 428119 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ноутбукҳо | Озмуни кушод | Мол | 2 | 22.04.2025 11:00:57 |
| 23 | 428122 | МДТТ «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №84» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 22.04.2025 15:02:39 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ФУРӮШИ ИНШООТИ СОХТМОНАШ НОТАМОМ ТЕНДЕР ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

**НОМГӮЙИ**

**иншооти сохтмонаш нотамоме, ки тариқи тендер ба фурӯш баровварда мешаванд:**

| № т/р | Номгӯй ва маҳали ҷойгиршавии иншооти сохтмонаш нотамом | Арзиши сметавӣ (бо сомонӣ) | Тайёрии иншоот (бо %) | Масоҳати қитъаи замини иншоот (га) | Арзиши баҳододашудаи иншооти сохтмонаш нотамом (бо сомонӣ) | Нархи ибтидоии иншооти сохтмонаш нотамом (бо сомонӣ) | Мӯҳлати баанҷомрасонии сохтмон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ду адад иншооти сохтмонаш нотамоми бинои истиқоматии 12-ҳуҷрадор дар маҳаллаи Тутак, ҷамоати шаҳраки Ховалинги ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон | 8 396 000 | 3,1 | 0,8 | 263 000 | 263 000 | 24 моҳ |

**Инҳо метавонанд иштирокчии тендер бошанд:**

- шахсони ҳуқуқие, ки дар фонди оинномавиашон ҳиссаи давлат аз 25% зиёд нест;
- шахсони воқеӣ;
- шахсони ҳуқуқию воқеии хориҷӣ.

**Ҳамчун иштирокчӣ барои бақайдгирӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кардан зарур аст:**

- дархост барои иштирок намудан дар тендер бе нишон додани номи иншооти сохтмонаш нотамом, ки уҳдадориҳои хаттии шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеиро барои бастани шартномаи хариду фурӯш бо шартҳое, ки дар эълони баргузории тендер муайян шудааст, дар бар мегирад;
- нусхаи асл ё нусхаи ҳуҷҷате, ки пардохти кафолатиро гувоҳӣ медиҳад;
- лифофаи сарбаста бо 4 нусхаи барнома, ки дар он нархи хариди иншоот бо мавқеи ҷойгиршавии он пешниҳод мешавад.

Шахсони ҳуқуқӣ ба таври иловагӣ нусхаи шартномаи муассисӣ, оинннома ва шаҳодатномаи бақайдгирии шахси ҳуқуқиро, ки тариқи идораи нотариалӣ тасдиқ шудааст, пешниҳод менамоянд.

**Шартҳои ҳатмии тендер инҳо мебошанд:**

- уҳдадории иштирокчӣ ҷиҳати мавриди истифода қарор додани иншооти сохтмонаш нотамом;
- анҷоми тадбирҳои зарурӣ барои таъмини бехатарии экологӣ ва ҳифзи муҳити зист;
- анҷоми тадбирҳо барои ободонии гирду атрофи иншоот;
- ҳуқуқи моликият ба харидор баъди ба истифода додани иншоот ба расмият даровварда мешавад;
- дар ҳолати ғолиб донистани иштирокчӣ, дар давоми се моҳ бо ризоият (мувофиқагардонии нақша ва сметаи хароҷот) бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллии ҷойгиршавии иншоот, сохтмони иншоот оғоз мешавад.

Мӯҳлати додани дархост барои иштирок дар тендер аз вақти нашр гардидани эълони мазкур муайян гардида, дар мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ баъд аз нашри хабари иттилоотӣ ба охир мерасад.

**Маблағи кафолатӣ баробар ба ҳаҷми 100 - каратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба суратҳисоби зерини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад:**

**- бо сомонӣ:** Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, РМА 010010058, суратҳисоб №20204972561010100004, АМБ 350101800, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пардохти кафолатӣ ба нархи иншоот дохил мешавад.

Ғолиби тендер ба суратҳисоби фурӯшанда боҷи комиссионӣ дар ҳаҷми 5 фоиз ва боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 0,5 фоиз аз нархи фурӯши объект пардохт менамояд, ки онҳо ба нархи фурӯши иншоот дохил намешаванд.

**Маълумоти иловагиро дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо суроғаи** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27, утоқи 32 ва телефонҳои 221-16-14, 221-44-71 гирифтан мумкин аст.

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ҶДММ ТҚҒ «ВАСЛ»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БА САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024

*(бо пули миллӣ-сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2024 | 2023 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 5 | 58 579 | 11 993 |
| Суратҳисобҳои бонкӣ | 5 | 50 547 | 36 386 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар БМТ | 6 | 1 020 | 861 |
| Қарз ба муштариён | 7 | 1 225 | 1 406 |
| Воситаҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 8 | 14 468 | 1 743 |
| Воситаҳои асосӣ | 9 | 20 375 | 5 708 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10 | 3 069 | 2 172 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузоштташуда | 11 | 328 | 40 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 12 | 17 753 | 41 305 |
| Дигар дороиҳо | 13 | 66 399 | 17 394 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **233 761** | **119 007** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Воситаҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 14 | 2 315 | 20 |
| Амонатҳои мизоҷон | 15 | 32 860 | 18 737 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 16 | 2 249 | 211 |
| Дигар уҳдадориҳои ҷорӣ | 17 | 80 767 | 26 051 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **118 191** | **45 018** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 18 | 100 829 | 69 000 |
| Захира барои хароҷотҳои оянда | | 975 | 42 |
| Захираи умумӣ | | - | 932 |
| Сармояи изофӣ | | 3 629 | 1 718 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 10 138 | 2 297 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **115 571** | **73 989** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **233 762** | **119 007** |

**Тютин О.С.**
**Директор**

**Давлатзода Ф.Р.**
**Сармуҳосиб**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2024

*(бо пули миллӣ-сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2024 | 2023 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 19 | 3 224 | 3 043 |
| Хароҷоти фоизӣ | | (1) | (4) |
| **Даромади софи фоизӣ пеш аз захираҳои барои талафоти имконпазир** | | **3 223** | **3 039** |
| Даромад аз барқароршавии арзиши дороиҳо | 20 | 329 | 190 |
| Хароҷоти захираи беқурбшавии қарзҳо | | (182) | (351) |
| **Даромади фоизии соф** | | **3 370** | **2 878** |
| Даромад аз хизматрасонӣ | 21 | 3 131 | 1 790 |
| Хароҷотҳои хизматрасонӣ | | (12 062) | (4 558) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ** | | **(8 931)** | **(2 768)** |
| Фарқияти холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 22 | 4 512 | 857 |
| Фарқияти холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | | (521) | (406) |
| **Ҳамагӣ** | | **3 991** | **451** |
| Дигар даромадҳо | 23 | 27 443 | 10 073 |
| Дигар хароҷотҳо | | (1 068) | (134) |
| **Ҳамагӣ дигар даромади соф** | | **26 375** | **9 939** |
| Хароҷоти маъмурӣ | 24 | (12 183) | (7 630) |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **12 622** | **2 871** |
| Андоз аз фоида | 25 | (2 524) | (574) |
| **Фоидаи соф** | | **10 098** | **2 297** |

**Тютин О.С.**
**Директор**

**Давлатзода Ф.Р.**
**Сармуҳосиб**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2023 ба Аҳмадов Мирзомаҳмуд Мирзоҳиматович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба ҶДММ «Азизҷон 1» (РЯМ 1210007893, РМА 120037703) додааст, эътибор надоранд.

Аттестати гумшуда дар бораи таҳсилоти асосӣ (хатми синфи 8), ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №203-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) соли 1978 ба Ҳайдаров Саид Исохонович додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи БП №785297, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №203-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) соли 1980 ба Ҳайдаров Саид Исохонович додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0509697, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ соли 2018 ба Ҷобирова Меҳринисо Илҳомиддиновна додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 17 апрели соли 2012 таҳти қайди 3371 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Лермонтов, хонаи 361/2, ба Назаров Сайфулло Назруллоевич додааст, эътибор надорад.

Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7 ноябри соли 2016 таҳти феҳрасти 3824 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Лермонтов, хонаи 361/2, ба Назаров Қадамшо Сайфуллоевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 28 январи соли 2010 ба Юсупов Одилҷон Холмаҳмадович (РМА 605160127, РЯМ 6030010828) додааст, эътибор надоранд.

Парвандаи гумшудаи танзими замин, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 22 ноябри соли 2010 таҳти қайди 4875 оиди вобаста намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Чорбоғ, хонаи 192, ба Восиев Фирдавс Қурбонович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи А03263471, ки онро ШВКД дар ноҳияи Варзоб 11 феврали соли 2020 ба Латипов Нусратулло Оймаҳмадович додааст, эътибор надорад.

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Салимов Фарухшоҳ додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи А00330008, ки онро ШВКД -2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 17 ноябри соли 2015 ба Нозимов Искандар Маҳмадназирович додааст, эътибор надорад.

Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Сафаров Искандар (РМА 015963765) додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи №1380510, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Ахмедова Насиба Давроновна додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, бинои 31, хонаи 31, ба Муродян Каринэ Владимировна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

Намояндагии ҶДММ «Юрия-Фарм» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 0420000479, РМА 040044345), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 20 сентябри соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Фонди ҷамъиятии «Табибони Тоҷикистон» (РЯМ 0410035817, РМА 040057793), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 6 октябри соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Азимҷон 1» (РЯМ 1210007893, РМА 120037703) ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 21 марти соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Алмар консалтинг» (РЯМ 0410024826, РМА 040045067), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 1 апрели соли 2025, соати 15:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35305 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.